## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсияи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ)**

1. Мавзуи таҳқиқотии диссертатсияи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида мебошад ва меҳнати ихтисосмандонаи докторант ба ҳисоб меравад, ки он ҳалли муаммоҳои баланд бардоштани ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақаро дар бар гирифтааст. Ташаккули шароити мусоид барои рушди бахши воқеӣ тавассути баланд бардоштани фаъолнокии субъектони хоҷагидорӣ дар минтақа самти муҳим ва мубрам мебошад, зеро таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ аз тараққиёти минтақаҳои он сарчашма мегиранд. Вусъати ҷараёни интегратсионии байнисоҳавӣ, зарурати баланд бардоштани самаранокии иқтисодӣ-иҷтимоии субъектони хоҷагидорӣ, ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии ғайримуттамарказ, афзоиши нақши минтақаҳо дар истеҳсоли молу хизматрасониҳо, раванди махсусгардонӣ ва ҳамгироии маҳаллии субъектони хоҷагидориро дар мадди аввал гузоштааст. Дар байни самтҳои рушди тараққиёти иқтисодиёт, ки ба амалишавии ҷараёни мазкур мусоидат менамояд, равияи беҳтарин ин ташаккули кластерҳо мебошад. Аз ин лиҳоз, ба амал татбиқ намудани равияи кластерии ташкили истеҳсолот, ки бояд мундариҷаи асосии сиёсати давлатии минтақаро ташкил намояд, асоси таҳқиқоти моро ташкил мекунад. Зеро ҳамгироии корхонаҳои алоҳидаи дар минтақа фаъолияткунанда, ҳамчун маҷмааи ягона имконият медиҳад, ки самараи синергетикӣ аз фаъолиятии муштараки корхонаҳо дар минтақа таъмин гардад. Тавассути дар амал ҷорӣ намудани равияи кластерӣ дар ҳар як минтақа афзалиятҳои рақобатии субъектҳои хоҷагидорӣ дар амал татбиқ мешавад. Дар робита бо ин, афзоиши рақобатпазирии минтақаҳо низ имконпазир мегардад. Илова бар он, масъалаи баланд бардоштани ҷараёни инвеститсионии минтақа, афзоиши шуғли аҳолӣ, маблағҳои андозӣ ба буҷет, инчунин инфрасохтори истеҳсолӣ низ натиҷаҳои мусбат медиҳанд.

Дар низоми иқтисодии вилояти Суғд, ки яке аз минтақаи саноатии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, ҷаззобияти инвеститсионӣ нисбатан баланд аст, дар тӯли бистсолаи охир сатҳи рушди истеҳсолӣ рӯ ба афзоиш дорад. Барои ташаккул ва рушди кластерҳои иқтисодӣ имкониятҳои зиёд мавҷуд аст. Боиси

таъкид аст, ки иқтидори вилояти Суғд дар самти рушди кластерҳои соҳавӣ аз сатҳи интизорӣ дар дараҷаи паст қарор дорад. Бинобар ин, таҳқиқи моҳият, ҷанбаҳои методӣ, назариявӣ ва амалии ташаккули кластерҳо дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳамчун равияи нав дар низоми иқтисодии минтақа масъалаи муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ), ки вобаста ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-13 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №10/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд, алалхусус бандҳои 6. Иқтисодиёти ҳудудӣ. Вижагиҳои ҳудудии таъсисёбии низоми инноватсионии миллӣ. Проблемаҳои ташаккулёбии зернизомҳои инноватсионии минтақавӣ. Лоиҳаҳои инвеститсионии минтақавӣ: мақсад, объектҳо, захираҳо ва самаранокӣ; 25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо назардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо.

Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин дар мувофиқа бо «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020 с., №503 тасдиқ гардидааст, иҷро гардидааст.

3. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд ва ҳаҷми умумии корҳои нашргардида оид ба мавзуи таҳқиқшаванда 2 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Зиёева Ш.З. истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

4. Хулоса дар кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва менеҷменти МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

5. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

6. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлил, озмоиш, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани назарияву консепсияҳои сармоягузорӣ, коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба баланд бардоштани фаъолнокии инвеститсионӣ дар иқтисодиёти минтақа ифода меёбад. Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Зиёева Шаҳнозахон Зарифҷоновна дар мавзуи «Ташаккули кластерҳои соҳавӣ дар рушди иқтисодиёти минтақа (дар мисоли соҳаи саноати вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050603 – Иқтисодиёти ҳудудӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Низомова Туҳфамо Давлатовна, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Бобозода Меъроҷ – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси иқтисодиёт, дотсент, мудири шуъбаи омӯзиши таҳсилоти фосилавии МДТ «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар Хуҷанд»

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Раҳимов А.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Абдуқодирӣ Х.А.

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
узви шурои диссертатсионӣ — Исмоилов М.М.

«28» марти соли 2026